# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. (ш. Душанбе, 2025 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» аз лиҳози назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳаммияти баланд ва бисёрҷабҳа мебошад. Дар шароити муосир, ки ҳаракат ва нақлиёт қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ гардидааст, афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт ва осон гардидани дастрасӣ ба онҳо боиси афзоиши ҷиноятҳое мегардад, ки бо истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо алоқамананд. Дар солҳои охир, тибқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шумораи чунин ҷиноятҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиш дорад, ки ин ба ташаккули муносибатҳои моликиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Гарчанде ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт нисбат ба дуздӣ ё роҳзанӣ аз ҷиҳати дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ сабуктар ба назар мерасад, аммо оқибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амниятии он қобили таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошанд. Чунин кирдорҳо тартиботи муқаррарии истифодаи воситаи нақлиётро ҳамчун **манбаи хавфи баланд** халалдор намуда, дар натиҷаи ҳодисаҳои нақлиётӣ метавонанд ба **ҷароҳатҳои вазнин, талафоти ҷонӣ ва зарари ҷиддӣ ба саломатӣ** оварда расонанд.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои чунин кирдор дар моддаи 252 КҶ ҶТ муқаррар намудааст. Бо вуҷуди ин,

таҳлили амалияи судӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми татбиқи ин меъёр ихтилофоти назаррас ба миён меоянд. Аз ҷумла, фарқгузории ҳай карда бурдан аз дуздӣ ва ғоратгарӣ, муайян кардани мақсади шахси гунаҳгор, арзёбии зарари моддӣ ва ҳолатҳои вазнинкунандаи содиршавии кирдор мушкилоти муайянро ба вуҷуд меоранд. Набудани фаҳмиши ягона дар маънидодсозии баъзе аз аломатҳои таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ва норасоии тавзеҳоти илмию методологӣ метавонанд сабаби нодуруст бандубаст намудани чунин кирдорҳо гарданд.

Дар ҳамин замина, зарурати таҳқиқи амиқи назариявӣ ва таҳлили амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бештар эҳсос мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ин диссертатсия аввалин таҳқиқоте мебошад, ки ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқот рушди қонунгузории ватанӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, баррасии хусусиятҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзӯи мазкур ба таври низомнок омӯхта шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд:

– дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ, маънидод сохтани аломатҳои асосии таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ пешниҳод шудааст;

– қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт дар муқоиса бо м.252 КҶ ҶТ мавриди таҳлил қарор дода шуда, имконияти истифодаи баъзе аз хусусиятҳои онҳо дар самти такмил додани КҶ ҶТ пешниҳод мешавад;

– дар асоси таҳлили аломатҳои ҷинояти м.252 КҶ ҶТ, дар хулосаҳои таҳқиқот пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили таҳрири моддаи мазкур ва Қарори дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ баён карда шудаанд;

– таҳияи пешниҳодҳои мушаххас дар мавриди муайян кардани объекти бевосита, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷинояти мазкур омада карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳои ин таҳқиқот дар заминаи таҳлили

амиқ ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи ҷиноятҳо бар зидди моликият асоснок шудаанд. Рисолаи мазкур яке аз аввалин тадқиқоти мукаммал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба мушкилоти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бахшида шудааст.

Омӯзиши васеи адабиёти илмӣ ба муаллиф имкон додааст, ки аломатҳои муҳимми таркиби ҷиноят ва истилоҳоти ҳуқуқии марбут ба моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дақиқӣ ва равшанӣ муайян намуда, таърифҳои илмӣ ва амалиро пешниҳод намояд. Ин иқдом барои таъмини татбиқи дуруст ва самараноки қонун дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такя доранд. Дар раванди таҳқиқот, муаллиф аз оморҳои расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2018–2023), инчунин маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ ва таҷрибаи судҳои ҷумҳурӣ истифода намудааст. Гузаронидани таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, муқоисаи маълумотҳо ва санҷиши далелҳо ба ӯ имкон додааст, ки натиҷаҳои илмӣ ва амалии боэътимод ба даст оварад.

Ҳаҷми васеи маводи таҳлилшуда ва нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ дурустии хулосаҳо ва эътимоднокии онҳоро пурра исбот менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт асос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмии диссертатсия бо такя ба усулҳои муосири методологӣ, таҳлили муфассали маводи амалӣ ва истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ асоснок шудаанд, ки ба таҳқиқоти мазкур арзиши назариявӣ ва амалӣ мебахшанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима дурустии интихоби мавзуъ асоснок гардида, мушкилоти назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба таркиби

ҷинояти дар моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда марбутанд, таҳлил ва муайян карда шудаанд. Маҳз мавҷудияти чунин мушкилот зарурати омӯзиши амиқ ва таҳқиқи мавзуи мазкурро муайян намуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро исбот месозад.

Ғайр аз ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, навгониҳои илмӣ, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муфассал баён ёфтаанд, ки ин ҳама заминаи устувори методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам меорад.

**Дар боби якум « Тавсифи таърихӣ- ҳуқуқӣ ва муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»**, ки дарбаргирандаи ду зербоб мебошад, муқаррар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ, инчунин хусусиятҳои меъёрҳо оид ба кирдорҳои мазкур дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Аз ҷумла муаллиф таърихи инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар самти мустаҳкамсозии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур таҳлил намуда ба таври асоснок баён медорад, ки «ташаккулёбии ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт давра ба давра сурат мегирифт. Ба вуҷуд омадани чунин меъёрҳо аз пешрафти илму техника ва дар ҳаёти ҳаррӯза мавриди истифода қарор дода шудани он вобастагӣ дошт» (саҳ. 20) .

Муаллиф дар доираи боби мазкур санадҳои алоҳидаи муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро таҳлил намуда, хусусият ва ҷиҳатҳои мусбати онҳоро дар ин самт муайян намудааст. Нишон дода мешавад, ки аввалин бор ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт дар КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 муқаррар шудааст. Хусияти фарқкунандаи КҶ ҶШС Тоҷикисон аз он иборат буд, ки ҷинояти мазкурро дар боби «Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ» ҷойгир намуда буд. Вобаста ба ин муаллиф ба хулоси асоснок меояд, ки объекти ин ҷиноят дар давраи КҶ ҶШС Тоҷикистон бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ баромад менамуд (саҳ. 22).

Ҳангоми баррасии таърихи инкишофи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятӣ мазкур, инчунин қонунҳо ва санадҳои дигаре, ки минбаъд ба

аломатҳои таркиби ҷинояти м.227 КҶ ҶШС Тоҷикистон тағйирот ворид намуданд, зери таваҷҷуҳи муаллиф қарор дода шудааст. Аз ҷумла муаллиф нишон медиҳад, ки «аввалин бор кушиши таснифи қонунгузории предмети ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт аз 25 майи соли 1973 бо даровардани тағйироту иловаҳо ба КҶ ҶШС Тоҷикистон сурат гирифт. Мутобиқи Указі Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 25 майи соли 1973 ба КҶ ҶШС Тоҷикистон м.228[2] «Дуздӣ ронда бурдани киштии ҳавопаймо» илова гардид. Аз ҳамин вақт ба предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳама намуди воситаҳои нақлиёт дохил карда мешуданд, ба истиснои нақлиёти ҳавоӣ» (саҳ. 24-25).

Дар ин боб, муаллиф қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Федератсияи Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус, Украина, Молдова, Ӯзбекистон, Туркманистон, инчунин қонунгузории баъзе кишварҳои хориҷӣ, ба мисли Олмон, Норвегия, Австрия, Шветсия, Фаронса ва дигаронро мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор додааст. Дар натиҷа, бо муқоисаи муқаррароти ин қонунгузориҳо бо моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосаҳои илмию амалӣ омадааст, ки метавонанд барои такмил ва мукаммалсозии меъёрҳои КҶ ҶТ бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории кишварҳои мазкур истифода шаванд.

Аз ҷумла, муаллиф ба хулоса омадааст, ки «аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қонунгузории Украина муқаррар шуда, ба монадӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар амборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ё дар КҶ Молдова омада содиршавии он бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокарда шуда ё муҳофизатшаванда ҷолиби диққат буда мумкин аст, барои фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ дар м.252 КҶ ҶТ истифода шаванд» (саҳ. 46).

**Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»** ба таҳлили амиқи назариявию амалии унсурҳои таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф аломатҳои тавсифдиҳандаи таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ-ро бо такя ба амалияи судӣ ва қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии ҶТ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст.

Муаллиф объекти хелӣ, намудӣ ва объекти бевоситаи ҷинояти мазкурро таҳлил намуда, ба таври асоснок ба хулоса омадааст, ки «объекти

хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо дар соҳаи иқистодиёт эътироф мешавад.

Ҷинояти мазкур дар боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд» (саҳ. 50-51).

Муаллиф ҷойгир шудани ҷинояти м.252 КҶ ҶТ -ро дар боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият асоснок меҳисобад, зеро «ҷинояти мазкур на дар ҳамаи ҳолатҳо бо халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Агар дар чунин маврид халалдор гаштани амнияти ҷамъиятӣ сурат гирад, меъёрҳои дигари қонуни ҷиноятӣ, ки ба сифати объекти асосии онҳо амнияти ҷамъиятӣ баромад менамоянд, истифода мешаванд, яъне дар чунин ҳолат маҷмуи ҷиноятҳо ҷой дорад» (саҳ. 53).

Дар таҳлили тарафи объективии ҷиноят, муаллиф нишон медиҳад, ки ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт ва идора кардани он тавсиф мешавад, ҳатто агар кирдор танҳо бо нияти муваққатан истифода бурдан анҷом дода шуда бошад. Ӯ инчунин таъкид менамояд, ки «Дар ҳолатҳое ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад» (саҳ. 85).

Ҳангоми таҳлили аломатҳои субъективии ин ҷиноят муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ менамояд, ки «таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин дарк менамояд, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ кардан надорад, ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ)» (саҳ. 114).

Субъекти ҷинояти м.252 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси воқеии мукаллафи ба синни 14 расида. Танҳо нафароне ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, ки ба қатори ҳуқуқҳои субъективии онҳо ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолии истифодаи нақлиёт дохил мешавад.

Ба андешаи муаллиф ронандагони аз идораи воситаи нақлиёт дур карда нашуда, ки худсарона воситаи нақлиёти ба онҳо вобасташударо ҳай карда мебаранд, инчунин шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва

ташкилотҳо, ки барои воситаи нақлиёт ваколатҳои идоракунии фаврӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ карданро доранд, ба сифати субъекти ҷинояти мазкур баромад карда наметавонад (саҳ. 115).

**Дар боби 3 «Фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»** мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи дар қ.қ.2, 3 м.252 КҶ ҶТ муқарраршударо ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам бо истифода аз таҷрибаи татбиқи ин меъёрҳо таҳлил намуда, ба хулосаҳои асоснок омадааст.

Аз ҷумла, муаллиф ҳангоми таҳлили мафҳуми «зарар ба миқдори калон», инчунин маҳакҳои арзишии муайян намудани андозаи он баён медорад, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар атрофи ин масъала гуногунандешӣ ҷой дорад. Ба таври асоснок пешниҳод карда мешавад, ки «ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б «а» қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда, ки ҳангоми рабудан зарар надидааст, наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад» (саҳ.138).

Аломати аз ҷониби гуруҳи шахсон содир шудани ҷинояти мазкурро баррасӣ намуда муаллиф иброз медорад, ки «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ дорои аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад. Аломатҳои объективӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф мегардад: якум, дар содир намудани ҷиноят бояд на камтар аз ду шахс иштирок намояд, ки ҳар яки он субъекти ҷиноят ҳисоб мешавад; дуюм, бояд кирдорҳои шарикон якҷоя бошад; сеюм, содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ иштироки ду ва ё зиёда шахсро дар иҷро намудани тарафи объективии ҷинояти пешакӣ маслиҳатшударо талаб менамояд. Аломатҳои субъективӣ дар он ифода мегардад, ки гунаҳгорон ҳангоми шарикӣ танҳо қасдан амал менамоянд» (саҳ. 144-145).

Муаллиф фарқияти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиётро аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд баррасӣ намуда, баён медорад, ки «аз ҳам ҷудо намудани рабудани воситаи нақлиёт ва тасарраф на фақат тавассути муҳлати истифодаи воситаи нақлиёт, балки бо аломатҳои дигари объективӣ: тағйир надодани намуди зоҳирии воситаи нақлиёт, истифодаи яккаратаи он, ҷойи пайдо шудани нақлиёт ва ғайра, инчунин бо аломатҳои субъективӣ (вақти ба вуҷуд омадани қасд, мақсади

рабудан, ангезаи он) мумкин аст муайян карда мешавад» (саҳ.151).

Ҷинояти дигаре, ки дар баробари ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт содир шуда метавонад ин авбошӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди ҷудо намудани ҷинояти авбошӣ аз ҷинояти мазкур онро ба назар гирифтан лозим аст, ки авбошӣ дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ҷойгир шудааст, яъне ба сифати объекти бевоситаи он муносибатҳо дар соҳаи таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ баромад менамоянд. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бошад ба гуруҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият мансуб мебошад, яъне объекти он муносибатҳои моликиятӣ ҳисоб мешаванд, тартиботи ҷамъиятӣ бошад мумкин аст ба сифати объекти факултативии он баромад намояд.

Мушкилии муайян дар аз ҳам ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва худсарӣ (м.334 КҶ ҶТ) ҷой дорад. Мушкили дар он аст, ки дар ҳар ду ҳолат шахс қасдан тартиби муқарраршудаи итифодаи воситаи нақлиётро вайрон менамояд ва вобаста ба ин чунин ҳаракатҳо мумкин аз руйи аломатҳои беруна қисман бо ҳам мувофиқат намоянд. Вобаста ба ин, муаллиф ба таври асоснок фарқ намудани ин ҷиноятҳоро дар он мебинад, ки «ҳангоми ҷинояти м.252 КҶ ҶТ гунаҳгор ба муносибатҳои моликиятӣ таҷовуз меоварад, ҳангоми худсарӣ бошад ба тартиби муқарраршудаи идоранамоӣ. Таркиби ҷинояти худсарӣ моддӣ буда он аз лаҳзаи расонидани зарари ҷиддӣ хотимаёфта эътироф мешавад. Рабудани воситаи нақлиёт бошад дорои таркиби расмӣ аст. Предмети худсарӣ дилхоҳ молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк буда, предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт бошад автомобил ё дигар воситаи нақлиёт баромад менамояд» (саҳ.157).

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумӣ аз тамоми таҳқиқот буда, дорои 22 банди дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад, ки ба таҳкими асосҳои илмӣ ва назариявии ҷавобгари барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф равона шудаанд, инчунин 8 банди дигар, ки ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи меъёри м.252 КҶ ҶТ бахшида шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада на танҳо барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дорои арзиши амалии баланд низ мебошанд. Пешниҳодҳои пешниҳодшуда ба беҳтар намудани таркиби моддаи 252 КҶ ҶТ, дақиқсозии аломатҳои таркиби ин ҷиноят ва фарқгузории дурусти он аз дигар ҷиноятҳо нигаронида шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои**

**диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ин рисола бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ба таври мукаммал таркиби ҷиноят, аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, инчунин ҳолатҳои вазнинкунандаи онро таҳлил намуда, ба таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ муваффақ гардидааст .

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар як қатор самтҳо истифода шаванд: дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ – ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии амалкунанда; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ –барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои моддаи 252 КҶ ҶТ ва пешгирии бандубасти нодурусти ин ҷиноят; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳиди китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ- амалии КҶ ҶТ ва ғайра.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқот бавосита ба коҳиши зарарҳои моддӣ, ки дар натиҷаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд меоянд, мусоидат менамоянд. Такмили қонунгузорӣ ва беҳтар шудани амалияи судӣ метавонад боиси паст шудани сатҳи ин ҷиноят ва коҳиши хароҷоти давлатӣ барои тафтиш ва мурофиаи судӣ гардад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он аст, ки он ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ равона шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом ба талаботи банди 31

ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодӯ тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ ва дигар давлатҳои хориҷиро ба таври умум таҳлил карда, ҷанбаҳои татбиқии амалии таҷрибаи ин давлатҳоро барои мукамалнамудани КҶ ҶТ ба таври пурра мушаххас нагардонидааст.

2. Дар қисматҳои алоҳидаи рисола, бахусус дар баҳси мансубияти ҷинояти дар моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, андешаи муаллиф ниёз ба асоснокии васеътар дорад. Тавре маълум аст, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавриди муайян намудани гурӯҳи ҷиноятҳо, ки ин кирдор бояд ба он шомил карда шавад, яъне, ҷиноятҳои ба муқобили моликият ё ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, миёни олимон андешаҳои мухталиф мавҷуданд.

Таърихи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ин ихтилофи назарро тасдиқ мекунад: дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1961 амал мекард, ҷинояти мазкур дар боби ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ ҷойгир карда шуда буд.

Аз ин рӯ, муаллифро зарур буд, ки тағйир ёфтани ҷойгоҳи ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт дар низоми Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро бо далелҳои иловагии назариявӣ ва муқоисавӣ асосноктар нишон медод, ки ин метавонист муҳтавои таҳқиқотро боз ҳам ғанитар гардонад.

3. Муаллифи диссертатсия пешниҳод менамояд, ки ба «мафҳуми

зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок, инчунин маҳдуд кардани озодӣ низ ворид карда шавад» (саҳ. 131). Бо чунин андешаи муаллиф розӣ шудан мушкил аст, зеро маҳдуд кардани озодӣ ҳама вақт бо истифодаи зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок алоқаманд намебошад. Қабул шудани чунин пешниҳод ба назари мо доири мафҳуми мазкурро беасос васеъ мегардонад.

Бо вуҷуди ин эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмӯъ ба арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори кафедраи пешгирии
ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини
бехатарии ҷамъиятии факултети №6
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Ҳ.С.

Суроға: 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 64., ҳ. 21.
Тел.: (+992) 93 113 85 23 E-mail: h.safarov@mail.ru

Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Саидзода А.Р.

**Суроғаи муқарриз:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи ВКД, 734012 ш. Душанбе, кучаи М. Мастонгулов, 3, Тел. корӣ: (+992 237) 226-60-42. E-mail: h.safarov@mail.ru, E-mail: tam300986@mail.ru http://www.avkd.tj

«20» ноябри 2025 сол